# ҚАРОРИ
Шурои диссертатсионии 6D.КОА-010-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 29 ноябри соли 2024, № 21 ш. Душанбе**

Баромади Ҷаъфарӣ Амиршо Сайобид дар мавзуи «Таъсири мутақобилаи индий бо элементҳои ҷадвали даврӣ ва таҳқиқи ба қабатҳо ҷудошавӣ дар системаҳои индий-халкогенҳо (S, Se, Te)» аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ (илмҳои техникӣ), (Роҳбари илмӣ, н.и.х., дотсент Нуров Қ.Б.), тақризи муассисаи пешбар, баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои техникӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Назарзода Хайрулло Холназар, номзади илмҳои техникӣ, муовини директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ Баротов Бахтиёр Бурҳонович, баромади аъзоёни шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ профессор Самиҳов Ш.Р., доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.01 - Химияи ғайриорганикӣ профессор Раҷабов У., доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ профессор Рӯзиев Ҷ.Р., доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03-Химияи органикӣ Бандаев С.Г., доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.01 - Химияи ғайриорганикӣ профессор Азизкулова О.А. (тариқи маҷозӣ), доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 – Химияи физикӣ Бердиев А.Э. ва доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ профессор Раҳимова М. тақризҳо ба автореферати диссертатсия шунида, муҳокима карда, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-010-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи навоварӣ, арзиши кор, асолат, натиҷаҳои ноилгардида, хулоса ва тавсияҳои кори диссертатсионии Ҷаъфарӣ Амиршо Сайобид,

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Ҷаъфарӣ Амиршо Сайобид дар мавзуи «Таъсири мутақобилаи индий бо элементҳои ҷадвали даврӣ ва таҳқиқи ба қабатҳо ҷудошавӣ дар системаҳои индий-халкогенҳо (S, Se, Te)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ (илмҳои техникӣ) ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тасдиқ гардидааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводи илмии ба нашр расонидаи Ҷаъфарӣ Амиршо мазмуни асосии кори диссертатсиониро инъикос менамояд.

3. Ба Ҷаъфарӣ Амиршо Сайобид дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-010-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро дастгирӣ намояд.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси
шурои диссертатсионии 6D.КОА-010,
доктори илмҳои химия, профессор Раҳимова М.

Котиби илмии
шурои диссертатсионии 6D.КОА-010,
номзади илмҳои химия Бекназарова Н. С.